Тақриз

ба автореферати Ҳоҷибоева Раънохон Мухсиновна таҳти унвони “Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология пешниҳод шудааст

Маълуми ҳамагон аст, ки мушкилоти пайдошавии ҳолатҳои стресс дар фаъолияти таълимӣ ва ташаккул додании устувории шахс ба стресс мавриди таваҷҷуҳи махсус қарор дорад. Айни замон масъалаи устувории донишҷӯён ба стресси таълимӣ, ки ба пайдошавии унсурҳои ҳамоҳангсоз ва вайронкунанда ҳаёти донишҷӯ, ташаккули ӯ ҳамчун мутахассис таъсири манфӣ расонанда, ки ба рушди устуворӣ ба стресс албатта, таъсири манфӣ мерасонанд ва ин масъала ҳанӯз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст.

Муаллиф дар кори диссертатсионии худ бо такя ба мушоҳидаву таҷрибаҳои худ нишондиҳандаҳои амалияро чунин баён менамояд, ки яке аз воситаҳои самараноки мубориза бо ҳолатҳои стресси донишҷӯён машғулиятҳои мунтазами арт-терапия маҳсуб меёбанд. Маҳз ҳамин нуктаҳоро муаллиф мубрам ва актуалӣ дониста, таълифи рисолаи диссертатсионии хешро лозим донистааст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии тадкиқот, моҳияти амалии тадкиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи тадкиқот, нуктаҳои муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои тадкиқот ва сохтори рисола меравад.

Дар боби якум «Асосҳои илмӣ - назариявии ислоҳнамоии ҳолатҳои стресси донишҷӯён тавассути арт-терапия» зикр гардид, ки Стресс ҳолати бошиддат ва дарозмуддати психикиро ифода мекунад, ки ба он шахс ҳангоми дучор шудан ба сарбории зиёди эмотсионалӣ гирифтор мешавад. Ҳамчунин дар ин боб калима “стресс” маънидод карда шуда, муаллиф онро бо истилоҳҳои “фишор, ташаннуҷ, шиддат” рӯи кор овардааст.

Бо такя ба таълифоти олимони ватанию хориҷӣ таърихи рушди дидгоҳҳои илмӣ дар бораи стресс, сабабҳои пайдоиши он, гурӯҳбандии стрессорҳо (таъсироти ногаҳонӣ) таҳлил шуда, қайд гардид, ки бо вуҷуди

дастовардҳои муайян дар ин самт то ҳол назарияи умумии стресс ва таърифи ягонаи он вуҷуд надорад.

Ҳамчунин дар ҳамин боб чашмандозии мухтасари таърихи пайдоиши заминаҳои арт-терапия амалӣ гардида, қайд шуда, таҳаввули мафҳуми "арт-терапия" раванди ба ҳам омадани се соҳаи мустақил: тиббӣ, иҷтимоӣ ва педагогиро инъикос мекунад.

Ҷоиз ба қайд аст, ки дар заминаи таҳлили дидгоҳҳои олимон тарзи корбурди усулҳои арт-терапия вобаста ба навъҳои он барои ташхис, ислоҳ, пешгирии ҳолатҳои стрессии шахсони синну солашон гуногун – хонандагони синфҳои ибтидоӣ, наврасон, ҷавонон, аз ҷумла донишҷӯён зикр гардидаст, ки ин тадқиқ сифати корро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудааст.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Таҳқиқи озмоишии таъсири усулҳои арт-терапия ба ислоҳнамоии ҳолатҳои стресси донишҷӯён» таълиф шуда, дар зербобҳо мақсаду вазифаҳо, марҳалаҳои озмоиш, ҳайати миқдории донишҷӯёни ба озмоиш ҷалбшуда, методҳои корбастшуда ифода ёфтанд. Махсус бояд қайд намуд, ки дар кори таҳқиқотӣ 120 донишҷӯи ихтисоси психология ва таҳсилоти томактабӣ ва 118 нафар донишҷӯи ихтисоси таҳсилоти ибтидоии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" иштирок карданд. Дар маҷмӯъ, озмудашудагон 238 нафар донишҷӯёни курсҳои 1-4-ро ташкил доданд. Дар зербобҳои боби мазкур моҳияту мазмун ва вазифаи тестҳои зикршуда муфассал баррасӣ шуданд.

Ҳамин тариқ, Фаслу бобҳои фишурдаи рисола аз лиҳози мазмуну муҳтаво ҳамдигарро такмил дода, қисмати хулоса бардоштҳои илмии муаллифро аз омӯзиши мавзуъ фаро мегирад. Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки он бо сабки хуби илмӣ иншо шуда, муаллиф ба вазифаҳои дар назди худ гузошта комёб гардидааст.

Диссертатсияи илмии Ҳоҷибоева Раънохон Муҳсиновна дар мавзӯи «Усули арт-терапия ҳамчун воситаи ташхис ва ислоҳнамоии психологии ҳолати стрессии шахс» таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст.

Диссертатсия бо мухиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯи

ихтисоси 19.00.01 – Психологияи умумӣ, психологияи шахсият, таърихи психология мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
Директори Муассисаи давлатии
таълимии "Литсейи касбии техникии
сохтмони шаҳри Душанбе" Саидзода Аҳмадшо Раҳматшо

***Имзои «Саидзода Аҳмадшо Раҳматшо»-ро тасдиқ менамоям:***

Мудири бахши кадрҳо ва
бойгонии МДТ"Литсейи
касбии техникии сохтмони
шаҳри Душанбе" Назруллоева Фархунда Сайфуллевна

734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 42, тел: (992 37) 2-39-03-09,
факс: (992 37) 2-39-03-09, E-mail: sokhtmoni-dushanbe@lkt.tj